PLITONIT
ПРОФЕССИОНАЛ БУДАН ОСОН АСТ

Plitonit Deutsche Qualität

## PLITONIT Антифриз – иловаи зиддисармоӣ барои омехтаҳои маҳлулӣ ва бетонӣ




Илова ба омехтаҳои бетонӣ ва маҳлулии барои истеҳсоли сохторҳои бетонӣ ва оҳану бетонӣ барои сохтмони гражданӣ, саноатӣ ва нақлиётӣ таъингардида татбиқ карда мешавад. Барои бурдани корҳо дар ҳарорати -35°C имкон медиҳад. Дар ҳароратҳои аз +20°C ва баландтар мустаҳкамшавии бетонҳо ва маҳлулҳои модификатсиянашударо метезонад. Истифодабарии илова ҳамҷоя бо омехтаҳои хушки сохтмонии ПЛИТОНИТ имконпазир аст. Воридкунии илова ҳангоми сохторҳои зерини оҳану бетон иҷозат дода намешавад: бо арматураи шиддатдодашаванда; бо арматураи шиддатдоданамешуда бо диаметри 5 мм ва камтар; дар шароити нам ё ки тар, инчунин дар муҳитҳои агрессивӣ истифодамешуда.

**Бандубаст — канистраҳои пластикии 3 л, 10 л.**

- Устуворӣ ба сарморо баланд мекунад
- Мустаҳкамшавиро суръат мебахшад
- Барои омехтаҳои модификатсияшуда, СПС ва бетонҳо
- Консентрат

**Хароҷоти мавод**
**татбиқ бо омехтаҳои модификатсиянашудаи сементӣ-регӣ**

| Самараи талабкардашаванда | Тартиби гузаронидани корҳо | Хароҷоти илова, литр ба 100 кг моддаи хушк | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | Семент | ОСР М150 | ОСР М200 | ОСР М300 |
| Тезонидани мустаҳкамшавӣ | аз +20$^{O}$C | 0,77 л | 0,13 л 0,18 л | 0,17 л 0,22 л | 0,22 л 0,27 л |
| Самараи зиддисармо | ах +5$^{O}$C то -5$^{O}$C | 1,15 л | 0,2 л 0,28 л | 0,25 л 0,33 л | 0,32 л 0,4 л |
| | аз -6$^{O}$C то -10$^{O}$C | 1,54 л | 0,26 л 0,37 л | 0,34 л 0,45 л | 0,43 л 0,54 л |
| | аз -11$^{O}$C то -15$^{O}$C | 1,92 л | 0,33 л 0,46 л | 0,42 л 0,56 л | 0,54 л 0,67 л |
| | аз -16$^{O}$C то -25$^{O}$C | 2,31 л | 0,39 л 0,55 л | 0,51 л 0,67 л | 0,65 л 0,81 л |
| | аз -26$^{O}$C то -35$^{O}$C | 3,08 л | 0,52 л 0,74 л | 0,68 л 0,89 л | 0,86 л 1,08 л |

**татбиқкунӣ бо ССС PLITONIT**

| Самараи талабкардашаванда | Тартиби гузаронидани корҳо | Хароҷоти илова, литр ба 25 кг моддаи хушк | | |
|---|---|---|---|---|
| | | МастерКладки, Т1+ | P1 pro | Тезонидашуда, В пурзӯркардашуда, В+, С |
| Тезонидани мустаҳкамшавӣ | аз +20$^{O}$С | 0,05 л | 0,07 л | 0,08 л |
| Самараи зиддисармо | ах +5$^{O}$С то -5$^{O}$С | 0,07 л | 0,1 л | 0,12 л |
| | аз -6$^{O}$С то -10$^{O}$С | 0,1 л | 0,13 л | 0,15 л |
| | аз -11$^{O}$С то -15$^{O}$С | 0,12 л | 0,17 л | 0,19 л |
| | аз -16$^{O}$С то -25$^{O}$С | 0,16 л | 0,2 л | 0,23 л |
| | аз -26$^{O}$С то -35$^{O}$С | 0,19 л | 0,27 л | 0,31 л |

## Усули татбиқ

Воридкунии илова бояд дар ҷараёни омехтакунии омехтаи бетонӣ ё ки маҳлулӣ дар ҳамҷоягӣ бо оби омехтакунӣ ба амал бароварда шавад. Самаранокии илова ҳангоми миқдори минималии оби омехташаванда меафзояд. Иловакунии илова бевосита ба омехтаи хушк манъ карда мешавад.

## Тавсияҳо ҳангоми татбиқ дар бетонҳо ва маҳлулҳо

- барои истеҳсоли бетон ё ки маҳлул пуркунандаҳои гармро истифода бурдан лозим аст;
- ҳарорати тавсиядодашудаи омехтаи бетонӣ ё ки маҳлулӣ дар ҳароратҳои манфӣ — на кам аз +25°С;
- татбиқ кардани сементҳои баландтамға ва зуд сахтшаванда бо гармиҷудокунии баланд;
- сатҳи бетон ё ки маҳлул барои пешгирии намӣ дар оқибати яхкунӣ баъд аз анҷоми корҳо бо қабати маводи гидроизолятисонӣ (рубероид, пленкаи полиэтиленӣ ва ғайра) пӯшида шавад; бетон ё ки маҳлули нав рехташударо аз гумшавии интенсивии гармӣ бояд ҳимоя кард (бо маводи изолятсиякунандаи гармӣ), аз рӯи имконият ташкил кардани гармии иловагӣ;
- асосро ҳангоми молидани омехтаи маҳлулӣ +10°С бояд гарм кард;

## Тавсифномаи техникӣ

| | |
|---|---|
| Намуди берунӣ | Моеъи ранги ҳаворанг-кабуд, мавҷудияти таҳшинҳои ночиз иҷозат дода мешавад |
| Ҳиссаи вазнии моддаи хушк, % | на кам аз 35 |
| Зичӣ, г/см$^3$ | 1,27-1,31 |
| Нишондиҳандаи фаъолнокии ионҳои водородӣ (pH) | 5,0-10,0 |
| Таркиби CL-, %, на беш аз | 9 |

## Чораҳои эҳтиёт

Илова ба дараҷаи 4-уми хатарнокӣ (моддаҳои камхатар) аз рӯи СтД 12.1.007 мансуб аст. Ҳангоми иҷроиши корҳо аз дастпӯшакҳо, айнакҳои муҳофизатӣ, воситаҳои ҳифзи аъзоҳои нафасгирӣ истифода баред. Расидани илова ба пӯст ва чашмонро пешгирӣ кунед. Ҳангоми ба чашмон расидан дарҳол онҳоро бо миқдори зиёди об шӯед. АЗ КӮДАКОН ЭҲТИЁТ КУНЕД!

## Шартҳои кашонидан ва нигоҳдорӣ

Ҳамлу нақл ва нигоҳдориро дар ҳароратҳои на пасттар аз -25°С ва на бештар аз +40°С дар тараи герметикӣ пӯшидашуда, бо эҳтиёткунӣ аз таъсири нурҳои бевоситаи офтоб ба амал бароварда шавад. Ҳангоми ҳамлу нақл дар шароити ҳароратҳои манфӣ таҳшин имконпазир аст, ки ҳангоми гармкунӣ ва бодиққат омехтакунӣ бе гумкунии хусусияти маҳсулот ҳал мешавад.

**Таркиб**

Маҳлули обии намакҳои туршиҳои органикӣ ва ноорганикӣ.

**Кафолати истеҳсолкунанда**

Истеҳсолкунанда мутобиқати иловаро ба талаботи шартҳои техникӣ ҳангоми риоя карда шудани шартҳои ҳамлу нақл, нигоҳдорӣ ва нишондодҳои дастурамали мазкур аз ҷониби истеъмолкунанда кафолат медиҳад. Муҳлати кафолатии нигоҳдорӣ дар тараи истеҳсолкунанда — 24 моҳ аз рӯзи истеҳсол.

**Иттилооти логистикӣ барои канистраи 3 л.**

Штрих-коди фардӣ 4607013046030

Штрих-коди гурӯҳӣ 14607013046037

Миқдори зарфҳо дар қуттӣ – 6 дона
Миқдори зарфҳо дар паллет – 144 дона

**Иттилооти логистикӣ барои канистраи 10 л**

Штрих-коди фардӣ 4607013046023

Миқдори канистрҳо дар паллет – 40 дона